# Таҷдид ва баркарорсозии роҳи мошингарди Балҷувон – Сари Хосор

| | |
|---|---|
| **Макон:** | ТОҶИКИСТОН |
| **Рақами Лоиҳа:** | 56814 |
| **Бахши фаъолият:** | Нақлиёт |
| **Намуди эълон:** | ДАВЛАТӢ |
| **Категорияи экологӣ:** | A |
| **Санаи тасдиқ:** | 21 октябри с.2026 |
| **Ҳолат:** | Дар марҳилаи омӯзиш ва баррасии ниҳоӣ қарор дорад |
| **Санаи нашр бо забони англисӣ:** | 22 июли с. 2026 |

## Тавсифи Лоиҳа

Қарзи давлатӣ дар ҳаҷми то 49,2 млн. евро, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, барои таҷдид ва баркарорсозии долони роҳ ба масофаи 56 км байни ноҳияи Балҷувон ва Сари Хосор дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд. Роҳи кунунӣ асосан қабати мумфарш надошта, дучори обхезиҳо, эрозияи замин ва боду ҳавои номусоиди мавсимӣ мегардад. Чунин ҳолат дастрасии ҷамоаҳои маҳаллиро ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ маҳдуд месозад.

## Ҳадафҳои Лоиҳа

Лоиҳа имкон медиҳад, ки дастрасии нақлиёт дар давоми сол ва эътимоднокии алоқаҳои нақлиётӣ барои нуқтаҳои аҳолинишин дар минтақаи татбиқи лоиҳа беҳтар гардад ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ, таҳсилот, хизматрасониҳои коммуналӣ ва бозорҳо вусъат дода шавад. Ин ташаббус инчунин ба татбиқи афзалиятҳои миллии Тоҷикистон дар соҳаи рушди нақлиёт ва инфрасохтор мусоидат намуда, ҳамзамон ба фарогирии иҷтимоӣ ва рушди минтақавӣ мусоидат хоҳад кард.

## Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш (ETI): 63

**Хусусияти аввалиндараҷаи гузариш: ҳамгирой**

Лоиҳа ба беҳтар шудани алоқаҳои бехатар ва эътимодноки нақлиётӣ дар давоми сол барои нуқтаҳои аҳолинишини минтақаи татбиқи лоиҳа мусоидат мекунад. Роҳи мошингарди таҷдидшуда ба ҳамгирои зиччи 19 нуқтаи аҳолинишин ба шабакаҳои миллии нақлиётӣ кӯмак расонида, дастрасиро ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, имкониятҳои шуғл ва бозорҳои минтақавӣ беҳтар мекунад. Интизор меравад, ки зиёда аз 30 000 нафар аҳолӣ метавонанд аз алоқа ва дастрасии беҳтаршудаи нақлиётӣ манфиат баранд.

**Хусусияти дуюмдараҷаи гузариш: идоракунии самаранок**

Лоиҳа ба такмили низоми идоракунии бехатарии ҳаракат дар роҳ аз ҳисоби пешниҳоди дастгирии махсуси машваратӣ ба Вазорати нақлиёт мусоидат мекунад. Дастгирии пешниҳодшаванда ба таҳкими тавонмандии ниҳодӣ ва татбиқи Стратегияи миллии бехатарии ҳаракат дар роҳ барои солҳои 2025-2040 мусоидат намуда, инчунин ба гузаронидани аудитҳо ва санҷишҳо дар самти бехатарии ҳаракат дар роҳ дар ҳамаи марҳилаҳои татбиқи лоиҳаҳои роҳсозӣ низ кӯмак мерасонад.

## Маълумот дар бораи муштарӣ

ТОҶИКИСТОН

Қарзгиранда Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки онро Вазорати молия намояндагӣ мекунад.

Лоиҳа аз ҷониби Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо (МТЛТР), ки сохтори татбиқкунандаи назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, амалӣ хоҳад шуд. МТЛТР дорои таҷрибаи васеи татбиқи лоиҳаҳои соҳаи нақлиёт мебошад, ки аз ҷониби муассисаҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла БАТР, Бонки осиёии рушд, Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ ва Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мегарданд. Ба охири соли 2025 МТЛТР татбиқи 15 лоиҳаҳои бузурги роҳсозиро, ки зиёда аз 730 км роҳҳоро дар саросари кишвар фаро мегиранд, ба итмом расонид.

## Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР

49,200,000.00 евро

Қарзи давлатӣ дар ҳаҷми то 49.2 млн. евро барои маблағгузории таҷдиду барқарорсозии долони роҳ байни ноҳияи Балҷувон ва Сари Хосор дар Тоҷикистон.

Ғайр аз ин, пешниҳоди гранти инвеститсионӣ дар ҳаҷми то 1.0 млн. евро барои дастгирии татбиқи ҷузъҳои лоиҳа дар асоси роҳҳалҳои табиатмеҳваре пешбинӣ мешавад, ки ба ҳуҷҷатҳои лоиҳа дохил карда шудаанд.

## Арзиши умумии лоиҳа

50,200,000.00 евро

## Таъсири иловагӣ

БАТР нақши иловагиро бинобар омилҳои зерин иҷро мекунад:

*Сохтори маблағгузорӣ:* БАТР қарзи давлатии дарозмуддатро бо мӯҳлати пардохте пешниҳод менамояд, ки пешкаш намудани он аз тарафи манбаъҳои тиҷоратии маблағгузорӣ дар Тоҷикистон аз эҳтимол дур аст. Маблағгузории мазкур барои дастгирии сармоягузориҳо ба

зерсохтори муҳимтарини нақлиётӣ ва чораҳои баланд бардоштани тобовариву устуворӣ ба тағйирёбии иқлим пешбинӣ шудааст.

*Муқаррар намудани стандартҳо:* Лоиҳа ба стандартҳои БАТР дар соҳаи харид, идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим, бехатарии ҳаракат дар роҳ ва фарогирии иҷтимоӣ такя мекунад. Харидҳо тибқи Сиёсат ва қоидаҳои БАТР дар соҳаи харид анҷом дода мешаванд ва татбиқи лоиҳа бо риояи талаботҳои экологӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад.

*Дониш, навоварӣ ва таҳкими тавонмандӣ:* БАТР лоиҳаро тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои табиатмеҳвар, ки тобовариро ба тағйирёбии иқлим таъмин менамояд ва инчунин дар доираи ҳамкории техникии ба таҳкими тавонмандӣ дар соҳаи татбиқи лоиҳаҳо, назорати рафти сохтмон, идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва инчунин таъмини бехатарии ҳаракат дар соҳаи нақлиёт  нигаронидашуда, дастгирӣ мекунад.

## Муҳтавои масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Лоиҳа ба категорияи А (ESP 2024) нисбат дода шудааст ва имконияти таъсироти назаррас ва гуногуни экологӣ ва иҷтимоии (ЭваИ) алоқманд бо таҷдиду навсозии 56 км роҳ то роҳи мошингарди духаттаи асфалтпӯшро дар минтақаи куҳӣ ва аз ҷиҳати экологӣ осебпазири Тоҷикистон инъикос менамояд. Ба хавфҳои асосӣ дар соҳаи муҳити зист ва иҷтимоӣ халалдоршавии муҳити зист ва таъсирот ба гуногунии биологӣ махсусан бо дарназардошти наздикии лоиҳа ба парки миллии куҳии “Сари Хосор” ва манзараҳои табиии ҳамҷавор бо арзиши экологӣ ва сайёҳии эътирофшуда, дохил мешаванд. Таъсироти мазкур метавонанд дар натиҷаи буридани растаниҳо, корҳои заминӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданок ва корҳои сохтмонӣ ва инчунин бо омилҳои ғайримустақим ба монанди вусъатёбии дастрасӣ ба манотиқи дурдаст дар гузашта ба миён оянд. Ба хавфҳои иловагии экологӣ эрозияи хок ва ноустувории нишебиҳо, лойқанокшавии рудхонаҳо, таъсирот ба сифати обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, партовҳои сохтмон, садои баланд ва партовҳо ба атмосфера дохил мешаванд. Бо дарназардошти релефи куҳии мавзеъ, хавфҳои геотехникӣ ва таҳдидҳои алоқаманд бо тағйирёбии иқлим (масалан, фаромадани ярч, ҳодисаҳои экстремалиии боду ҳаво) назаррас ба ҳисоб мераванд ва ҳангоми тарҳрезӣ баинобатгирии чораҳои таъмини тобоварӣ ба тағйирёбии иқлимро талаб мекунанд.

Бастаи ҳуҷҷатҳо бо натиҷаҳои Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва соҳаи иҷтимоӣ (АТМЗИ), аз он ҷумла АТМЗИ барои тамоми роҳи мошингард, Нақшаи идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ), Тавсифи мухтасари лоиҳа (ТМЛ), Нақшаи ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор (НҲТМ), Нақшаи гирифтани замин ва муҳоҷиркунонӣ (НГЗМ) ва Нақшаи амал оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (НАЭИ) дар сомонаи БАТР 17 июни соли 2026 нашр карда шуд. Расмиёти арзёбии таъсир ба муҳити зист (АТМЗ) дар сатҳи кишвар анҷом дода шуд ва моҳи январи с. 2024 натиҷаи мусбат ба даст омад. Муҳокимаҳои ҷамъиятии то имрӯз оид ба АТМЗ гузаронидашуда ягон мушкилии назаррасро ошкор накарданд. Гузориш оид ба машваратҳои ҷамъиятӣ пас аз анҷом ёфтани мӯҳлати 120-рӯзаи ифшои маълумот омода карда мешавад.

Экспертизаи экологӣ ва иҷтимоӣ (ЭЭИ) мутобиқати лоиҳаро ба талаботҳои экологӣ ва иҷтимоии (ТЭИ) БАТР тасдиқ намуд. Хулосаҳои ЭЭИ зарурати тақвиятдиҳии тавонмандии Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳоро (МТЛТР) барои таъмини иҷрои лоиҳа тибқи талаботҳои экологӣ ва иҷтимоии Бонк ошкор намуданд. Барои ҳалли ин мушкилӣ Бонк дастгирии техникиро дар самти назорат ва татбиқи лоиҳа тибқи ТЭИ пешниҳод мекунад ва ташкили низоми идоракунӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ талаб хоҳад намуд.

Интизор меравад, ки қисми зиёди сохтмончиён дар корҳои қад-қади роҳи мошингард ҷалб карда мешаванд, дар ҳоле ки аз рӯи имконият на камтар аз 50% қувваи корӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ интихоб мегардад. Зарурати ташкили шаҳракҳои сохтмонӣ пешбинӣ мешавад ва ҷойҳои ташкили онҳо тавре интихоб карда мешаванд то таъсири манфӣ ба ҳадди ақал расонида шавад. Шароитҳои зист ва маишӣ барои коргарон тибқи талаботҳои Дастурамали КБМ/БАТР оид ба ҷойгиркунии коргарон фароҳам оварда мешаванд. Чораҳои иловагӣ барои идоракунии воридшавии қувваи корӣ ва пешгирии низоъ байни коргарон ва аҳолии маҳаллӣ аз ҷумла зӯроварии ҷинсӣ андешида мешаванд. Ба онҳо талаботҳои НАЭИ барои паймонкорон оид ба имзо кардани Кодекси ахлоқ ва таҳия намудани Нақшаи идоракунии меҳнат ва шароити корӣ, инчунин Нақшаи таъмини саломатӣ ва бехатарии меҳнатӣ ва ҷомеа дохил мешаванд.

Санҷиши бехатарии ҳаракат дар роҳ (СБР) барои тарҳи муфассал гузаронида шуда, моҳи марти с. 2026 ба итмом расонида шуд ва ба тарҳи ниҳоӣ тавсияҳо аз ҷумла талабот барои насби аломатҳои маҳдудияти суръат дар деҳот, аломатҳои роҳ барои пиёдагардон ва аломатҳои иловагии огоҳкунанда, дохил карда шуданд. Бинобар ҷойгиршавӣ ва релефи роҳ дар байни масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва саломатии аҳолӣ қобилияти вокуниши фаврӣ ба ҳолатҳои фавқулодда дар манотиқи дурдаст ҷудо мегардад. Паймонкор ҳолатҳои фавқулоддаи пешбинишавандаро муайян намуда, захираҳои заруриро тибқи талаботҳои НАЭИ дастрас мекунад.

Дар доираи АТМЗИ моҳи июни с. 2026, вақте ки дастрасӣ ба иншоот таъмин гардид, маълумотҳои ибтидоӣ дар бораи гуногунии биологии мавзеъ иловатан нав карда шуданд. Минтақаи татбиқи лоиҳа дар мавзеи кӯҳӣ ва ҳассос аз нигоҳи гуногунии биологӣ қарор дорад, ки барои он муҳити зисти табиӣ ва нимтабии муҳим аз нуқтаи назари ҳифзи табиат хос мебошад. Дар давоми арзёбӣ таъсироти эҳтимолӣ, аз ҷумла аздастдиҳӣ, харобшавӣ ва тақсимшавии муҳити зист ва инчунин халалдоршавӣ ба олами наботот ҳангоми сохтмон ва шиддатёбии фаъолияти антропогенӣ тасдиқ шуданд. Таъсироти мазкур маълуманд, дар ҳудуди татбиқи лоиҳа маҳдуд мебошанд ва дар Нақшаи амал оид ба нигоҳдории гуногунии биологӣ (НАГБ) тибқи ТЭИ6 БАТР чораҳои амалӣ бо истифода аз силсилаи тадбирҳои коҳишдиҳии таъсирот, аз ҷумла чораҳои пешгирӣ, ба ҳадди ақал расонидан ва барқарорсозӣ пешниҳод шуданд. Дар доираи НАГБ чораҳои мониторинг ва идоракунии тағйирпазир, ки тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ба бартарафсозии таъсироти боқимонда нигаронида шудаанд, низ муайян гардидаанд. Чораҳои коҳишдиҳии таъсир ба гуногунии биологӣ ба НИЭИ ва нақшаҳои идоракунии сохтмон дохил карда шуда, аз тарафи МТЛТР ва коршиносони мустақил назорат мешаванд.

Татбиқи лоиҳа гирифтани қитъаҳои замин ва муҳоҷиркунонии иҷбориро пешбинӣ мекунад. Нақшаи гирифтани қитъаҳои замин ва муҳоҷиркунонӣ (НГЗМ) аз ҷониби муштарӣ таҳия ва тасдиқ карда шуд ва машваратҳо бо шахсони гирифтори таъсири лоиҳа дар семоҳаи дуюми с. 2026 гузаронида шуданд. Маълумот дар бораи ҳуқуқ ба ҷубронпулӣ, мӯҳлатҳои охирин а механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) ба иттилои тамоми хонаводаҳои гирифтори таъсир расонида шуд. Дар 19 деҳа кумитаҳо барои баррасии шикоятҳо дар сатҳи ҷамоатҳо/деҳаҳо таъсис дода шуданд.

Нақшаи ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор (НҲТМ) бо мақсади муайян намудани тарафҳои калидии манфиатдор ва инчунин муайянсозии роҳҳои алоқа ва нақшаҳои ҳамкорӣ дар доираи лоиҳа таҳия карда шуд. Дар давоми солҳои 2025 ва 2026 қад - қади роҳи мошингард як қатор вохӯриҳо дар доираи машваратҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла машваратҳо дар гурӯҳҳои хурд гузаронида шуданд, ки дар онҳо танҳо занҳо иштирок намуданд. Дар МТЛТР аллакай механизми баррасии шикоятҳо барои ҳалли масъалаҳои алоқаманд бо муҳоҷиркунонӣ, мушкилиҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва ифшои маълумот низ амал мекунад.

Ба АТМЗИ нақшаи муфассали идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ) барои лоиҳаи мазкур дохил мешавад, ки аз 14 нақшаи идоракунии мавзӯӣ иборат аст. Дар онҳо чораҳои коҳишдиҳии таъсир муайян шудаанд, ки бояд дар доираи шартнома байни МТЛТР ва паймонкорони он татбиқ гарданд. Ғайр аз ин, НИЭИ талаботҳоро оид ба иҷрои Нақшаи идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоии фаъолияти паймонкор ва Нақшаи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, аз ҷумла омӯзиши коргарон; расмиёти воридсозии тағйирот дар тарҳи лоиҳа; сиёсат ва расмиёт дар самти идоракунии захираҳои кадрӣ, аз ҷумла Кодекси ахлоқ, татбиқи механизми баррасии шикотҳо ва татбиқи НГЗМ, НАГБ ва НҲТМ дар бар мегирад. Бо мақсади арзёбии рафти иҷрои корҳо тибқи талаботҳои татбиқи лоиҳа (ТТЛ) машваратчии техникии қарзгиранда дар марҳилаи сохтмон ҳар семоҳа санҷишҳоро мегузаронад ва ба БАТР гузориш медиҳад.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

Лоиҳа аз дастгирии ҳаматарафаи техникӣ дар марҳилаҳои омодакунӣ ва татбиқи лоиҳа бархӯрдор мебошад. Ба доираи хизматрасониҳо инҳо дохил мешаванд: экспертизаи техникӣ, иқтисодӣ, машваратҳо оид ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, арзёбии таъсир ба муҳити зист ва соҳаи иҷтимоӣ, дастгирии пешакӣ дар соҳаи харид, мусоидат дар татбиқи лоиҳа ва сохтмон, хизматрасониҳои назоратӣ аз ҷониби қарзгиранда ва инчунин дастгирии машваратӣ дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ.

Ҳаҷми умумии маблағи бастаи чораҳо оид ба ҳамкории техникӣ тақрибан 4,23 млн. евроро ташкил медиҳад ва аз ҳисоби Фонди махсуси саҳмдорон (ФМС) ва Фонди зерсохтори устувор (ФЗУ) маблағгузорӣ мегардад.

Чораҳо оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ба татбиқи Стратегияи миллии Тоҷикистон оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ барои солҳои 2025–2040 тавассути таҳкими тавонмандии ниҳодӣ ва пешбурди ба инобатгирии муназзами масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳангоми банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии зерсохтори роҳ мусоидат мекунанд.

## Маълумот барои тамос бо Ширкат

Директори иҷроияи МТЛТР, Ҷаноби Нуралӣ Арабзода
piurr@bk.ru
(+992 37) 222 20 73
(+992 37) 222 20 76
https://www.piurr-projects.tj/
кӯчаи Айнӣ 14,
ш. Душанбе, Тоҷикистон

## Санаи охирин навкунии ТМЛ

22 июли соли 2026

## Дарки раванди гузариш

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш инҷо оварда шудааст.

## Имкониятҳо барои тиҷорат

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ бо БАТР (ки бо масъалаҳои харид вобаста нест) тамос гиред:
Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:
Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххасро метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР пешниҳод намоед.

## Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талабот оид ба татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо уҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба "рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор" иҷро менамояд, муайян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва бартараф намудани нигарониҳо ва ҳалли шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқаманданд, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва ҳаҷми хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР иловатан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд.

Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

## Росткорӣ ва риояи талабот

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (ОССО) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. ОССО дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад.

ОССО инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, коррупсия ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс, новобаста аз он ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё коррупсионӣ бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи ОССО барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои

Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

## Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд мушкилиҳои худро тавассути муроҷиат ба Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ворид шавед ва маълумоти бештарро дар бораи ММҲЛ ва ваколатҳои он; тарзи пешниҳоди Дархост барои баррасӣ пайдо намоед; ё бо ММҲЛ тавассути суроғаи электронии ipam@ebrd.com барои гирифтани дастур ва маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва тарзи пешниҳоди дархост, тамос гиред.